ОЛИМХОН ИСМАТӢ

# КАБӮТАРАК





## КАБӮТАРАК

(Мусиқии Шарофиддин Сайфиддинов)

Куҷо - кушо болу парак,
Биё - биё, кабӯтарак.

Нишин - нишин, ки ман ба ту
Диҳам - диҳам дони сарак.

Бигир - бигир гизои худ,
Бихӯр - бихӯр тозатарак.

Бипар - бипар зи дасти ман
Аз ин барак ба он барак.

Марав - марав ба чои дур,
Машав - машав ту бедарак.

# СУЛҲ

(Мусиқии Қудратулло Яхёев)

Китобхона

Бахту нишоти мо бубин,
Тозаҳаёти мо бубин.
Дар раҳи сулҳ устувор
Азму суботи мо бубин.

Сулҳ – Садоқати замон,
Сулҳ – Умеди модарон.
Сулҳ – Ливои дӯстӣ,
Сулҳ – Ҳаёти човидон!

Сулҳ ба мо сафо диҳад,
Давлати бебаҳо диҳад.
Кишвари мо барои сулҳ
Дар ҳама чо садо диҳад:

Сулҳ – Садоқати замон,
Сулҳ – Умеди модарон.
Сулҳ – Ливои дӯстӣ,
Сулҳ – Ҳаёти човидон!

Ваҳдати мо – нишони сулҳ,
Чаҳони мо – чаҳони сулҳ.
Эй зиҳӣ миллате, ки шуд
Миллати қаҳрамони сулҳ.

Сулҳ – Садоқати замон,
Сулҳ – Умеди модарон.
Сулҳ – Ливои дӯстӣ,
Сулҳ – Ҳаёти човидон!





## БОБОИ РОЗИК

Бобоям пир аст.
Нафақагир аст.

Аз субҳ то шом
Надорад ором,

Бо кори ҳалол
Бехи ҳар ниҳол:

Себу шафтолу,
Ноку зардолу,

Анҷиру анор,
Хурмои қатор

Мекунад доим
Нарму мулоим.

Аз ин рӯ асло
Дар ҳавлии мо

Намешавад зиқ
Бобои Розик



## ТАЙЁРА

Аз болои кӯх,
Аз болои дашт
Тайёраи мо
Парида гузашт.

Дидам дар замин
Мошини бисёр.
Мӯрчаҳо барин
Паси ҳам қатор.

Будам ман савор
Мисли Гагарин.
Заминро дидам
Харита барин.



# СОАТСОЗ

Акои ман соатсоз,
Аз кори худ сарфароз.

Соате вайрон шавад,
Соҳибаш ҳайрон шавад.

Соати худро орад,
Ба акоям супорад.

Акоям онро дида,
Гаштанашро санҷида,

Ба монанди духтурҳо
Ба вай мебахшад шифо:

«Чиқу чиқу чиқу чиқ»
Раҳ меравад вай аниқ.

Бо соати Кремил
Баробар мезанад дил.

# МАКТАБХОН

Имсол мактабхон шудам,
Баччаи чаққон шудам.

Ҳар саҳар дар лаби чӯ
Худам шуста дасту рӯ,

Либосамро мепӯшам,
Чоякамро менӯшам,

Сонӣ ман бо китобам
Ба мактаб мешитобам.

Муаллими мо ба мо
Меомӯзад «Алифбо» -

Ҳарфи нав, ҳиҷои нав,
Гапи нав, маънои нав.

Бояд хонему хонем,
Алифбоҷонро донем.









## ИДИ АЛИФБО

Иди «Алифбо» омад,
Мо шодастему хандон.
Ҳоло назди муаллим
Месупорем имтиҳон:

А, Б, В, Ғ Г, Д, Е, Ё…
Алифборо медонем.
Ҳарфу калимаҳоро
Навишта метавонем.

Акнун иҷозат диҳед
Мо ҳама бо дили пур
Аз ҷону дил бигӯем:
— Устод, сад ташаккур!






## БУЗИЧА

Бузичаи ман.
Чаққону зебо.
Биё, мехонем
Ҳарду «Алифбо»

Канӣ «А»-гӯ, «А»,
Овоз сар дех.
Аммо садо дод.
Бузичаам: «Бе-е-е...»





## ХӮТУКЧА

«Ару-ар» омад ба гӯш,
«Ҳанг»-и хар омад ба гӯш.

Обу алаф мехоҳад,
Тӯрбаи чав мехоҳад.

Ҳам нӯхтаю арғамчин,
Ба пояш наъли заррин.

Мӯяш қашав мехоҳад,
Полони нав мехоҳад.

Охир вай калон шудаст,
Ҳар сӯ дав-давон шудаст.

Мебарад бори бисёр,
Зӯраш расад ба ҳар кор.

«Иху иху иху их...»
Гӯшота мекунӣ сих,

Роҳ меравӣ беозор,
Як хари таппа-тайёр!



# ЧӮПОН

Бобои ман чӯпон аст,
Чӯпони деҳамон аст.

Барраву буз – ҳамаро
Мебарад ӯ ба чаро.

Аз саҳар то вақти шом
Кораш мекунад давом.

Бобом бо худ дар сафар
Дорад саги Алопар.

Дорад хари саворӣ,
Ҳам камони шикорӣ,

То наояд гурги шум,
Накунад яке ҳуҷум...

Бегоҳӣ бобом ояд,
Дари оғил кушояд,

Барраҳоро ҳисобад,
Баъд оромакак хобад.

Аз сари шаб то саҳар
Чӯпон шавад Алопар.



## АФСОНА
(Мазмун аз халқ)

Буд – яке, ё набуд,
Дар деҳе як хона буд.

Хонаи як пир буд,
Пири батадбир буд.

Ӯ ҳама дам кор дошт,
Боғи пур аз бор дошт.

Дур намешуд аз он,
То нашавад он хазон.

Пир яке шуд касал,
Боғ бимонд аз амал.

Баъд як андеша кард,
Фикри наве пеша кард.

Баччаи худро бихонд,
Дар сари болин нишонд.

Гуфт ба ӯ: - Гӯш кун,
Ақл куну хӯш кун.

Ё таҳи себу анор,
Ё таҳи анҷирзор,

Ё таҳи ин ток буд,
Ё таҳи он нок буд,

Ё таҳи хурмову тут,
Ё таҳи нахли мурӯд,

Ё таҳи шафтолуҳо,
Ё таҳи зардолуҳо,

Ё таҳи ин, ё ки он,
Нест ба ёдам аён,

Ганҷ ниҳон кардаам,
Бар ту баён кардаам,

Бел бигиру бикоб,
Ҳаст агарчи азоб.

Гар ту биёбӣ яке,
Ганҷи маро андаке,



Умри ту хуштар шавад,
Турми дарат зар шавад.

Баччаи ҳушёр бош,
Аз пайи ин кор бош.

Пир чу инро бигуфт,
Чашм бипӯшиду хуфт.

***

Авҷи баҳорон расид,
Қатраи борон расид.

Бачча ба фикри падар
Баст зи ҳиммат камар.

Бо хама ҳастии худ
Аз пайи ганҷина шуд.

Ҳам таҳи себу анор,
Ҳам таҳи анҷирзор,

Ҳам таҳи ҳар токро,
Ҳам таҳи ҳар нокро,

Ҳам таҳи хурмову тут,
Ҳам таҳи нахли мурӯд,

Ҳам таҳи шафтолуҳо,
Ҳам таҳи зардолуҳо,

Бар ба бари боғро,
Сар ба сари боғро

Белу каланд бинмуд,
Пасту баланд бинмуд.



Гарчи саропо бикофт,
Ганчи падарро наёфт.

Хотираш озурда гашт,
Аз нияти худ гузашт.

Лек чу ҳосил расид,
Мева ба ҳил-ҳил расид.

Ҷумлаи нахли қатор
Пешу пас омад ба бор:

Як тараф олуву тут,
Ноку биҳиву муруд.

Як тараф анҷирзор,
Ангуру себу анор.

Мева надорад хисоб,
Шаҳд шудаст он азоб.

Гашт аён бар писар,
Ҳикмату сирри падар:

Дар таҳаки ину он
Нест зи ганҷе нишо

Балки буда ганчи ӯ
Меҳнати ӯ, ранҷи ӯ.

Ёфт аз ин қисса ин
Маънии хотирнишин:

«Ганҷ биёрад ба даст,
Мардуми заҳматпараст!»




## ЧИСТ ОН?

Меҳмони ҷомаало
Дорад ҳама ҷо пар-пар.
Чаппа ҳам хонӣ  номаш
Асло нагардад дигар.

Баҳои ӯ шавад «5»
Ҳар кас, ки ёбад онро.
Канӣ, кӣ зуд меёбад
Ҷавоби ин чистонро?